**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна ба диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯи ихтисоси 6D020100 – фалсафа. Душанбе, 2020. – 148 саҳ.**

Диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯи ихтисоси 6D020100 – фалсафа пешниҳод гардидааст, яке аз масъалаҳои муҳиму актуалӣ буда, дорои аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мешавад, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки ворид гардидани унсурҳо ва арзишҳои бегона ба фарҳанги миллӣ мушоҳида карда мешавад, ба хотири нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, инкишофи ҷаҳонбинии ҷомеа ва таъмин намудани раванди самараноки таълиму тарбия, пеш аз ҳама рӯй овардан ба фалсафаи маорифи халқи тоҷик ва истифодаи афкори таълимию тарбиявӣ дар амалия самаранокии раванди таълимро таъмин менамояд. Аз назари илмӣ муайянкунии моҳияту муҳтавои ғояҳои маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва истифодаи натиҷаҳои ин пажӯҳишҳо дар амалия ба рушди маориф ва болоравии сифати он дар ҷумҳурӣ имкон фароҳам меорад. Дар ин асос метавон гуфт, ки омӯзишу таҳқиқи илмии ғояҳои фалсафӣ оид ба маориф муҳиму саривақтист. Таҳқиқи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба таври зарурӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузории илмӣ қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу муайян намудани хусусиятҳо, шаклҳо ва тарзи ташаккули шахсият ва таҳлили ғояҳои фалсафии маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII яке аз вазифаҳои муҳими илмӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф маҳз аз ҳамин хотир, ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷикро дар асрҳои IX-

XIII мавриди баррасии илмии ин рисола қарор дода, таъсири онро ба рушди маориф дар асрҳои минбаъда нишон додааст.

Рисолаи тақризшаванда нишондиҳандаи он аст, ки муҳаққиқ барои ҳалли масоили дар пеш гузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводи мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Вазифаҳо, ҳадафҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосие, ки муҳаққиқ онҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудааст возеҳ, равшан ва мушаххас мебошанд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот** таҳлили ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик ва афкори маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII мебошад. Муаллиф барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён мегузорад, ки чунинанд: **муайян** намудани заминаҳои методологии омӯзиш ва баррасии фалсафаи маорифи тоҷик; **ошкор** намудани омилҳо ва заминаҳои ташаккул ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII; **омӯзиш** ва баррасии афкори таълимию тарбиявии муттафакирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва нақши онҳо дар ташаккули шахсият; **ошкор** намудани таъсири афкори маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷики асрҳои IX-XIII ба инкишофи минбаъдаи фалсафаи маорифи халқи тоҷик; **баррасии** фалсафаи ориёии маориф ҳамчун сарчашмаи инкишофи илму фарҳанг ва заминаи ташаккули ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII; **баррасии** омезиши ислом бо дигар тамаддунҳо дар асрҳои IX-XIII ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар ин давра.

**Навгонии илмӣ** дар рисола пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он масъалаи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII бори аввал ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти махсуси илмӣ баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Аз навгониҳои таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст, махсусан нуктаҳои зерин диққатҷалбкунандаанд:

- ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII таҳлил карда шуда, хусусиятҳои он бо хулосаҳои илмӣ нишон дода шудаанд;

- афкори таълимӣ ва тарбиявии мутафаккирони форсу тоҷик аз нуқтаи назари фалсафаи маориф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, аҳамияти онҳо дар шароити имрӯза нишон дода шудаанд;

- таъсири афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳамияти амалии он дар рушди маорифи муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя бароварда** шудааст, нуктаҳои 1,7 ва 8 нақши калидӣ мебозанд, зеро дар он муаллиф масъалаҳои муҳимми таърихиро ошкор карда аст, ки истифодаи ин таҷрибаҳо дар фалсафаи маорифи муосир самарабахш хоҳад буд. Мазмуни ин нуктаҳо чунин масъалаҳоро дар бар мегирад, ки ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII сарчашма ва заминаи инкишофи фалсафаи маорифи муосири тоҷик мебошанд. Ғояҳои фалсафаи маорифи ориёӣ ба инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII таъсири амиқ расонидааст. Дар давраҳои минбаъда ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷики асрҳои IX-XIII дар рушди илм, маориф, адабиёту санъат ва дигар соҳаҳои иҷимоии мардумони тоҷику форс нақши муҳим бозидааст. Ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба сабаби ташкил шудани давлатҳои миллӣ, инчунин ба роҳ мондани низомҳои дурусти идоракунӣ ва таълимию тарбиявӣ рушд кард. Бояд зикр кард, ки давлатҳои миллии ташкилшуда, аз қабили Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва ғайра сиёсати маорифпарваронаро пеш гирифта, ба ин восита илму маорифро рушд доданд. Ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII дар асоси афкори таълимию тарбиявии андарзномаҳои бостонии ориёӣ, махсусан китоби арзишманди “Авесто” бунёдгузорӣ шудааст. Инъикоси афкори таълимию тарбиявии авестоиро мо метавонем ба таври васеъ дар осори

мутафаккирони тоҷик дар ин замон мушоҳида кунем. Дар пайравӣ аз ин андешаҳои авестоӣ маорифпарварони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва дигар марҳилаҳои таърихӣ осори таълимию тарбиявии худро ба вуҷуд овардаанд.

Яке аз рукнҳои асосии рисола аз асосҳои назариявӣ-методологии он иборат аст. Муаллиф дар диссертатсия бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои пешбинишуда усулҳои гуногуни таҳқиқотро мавриди истифода қарор додааст. Аз ҷумла: усулҳои умумиилмӣ, усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ ва сохторӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи маориф метавонанд ҳамчун замина хизмат кунанд; таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии масъалаи афкори фалсафӣ ва педагогии мардуми форсу тоҷик дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мухталифи таълиму тарбия дарк ва самаранокии ин раванд таъмин карда шавад; ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳоро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи маориф, педагогика, назария ва таърихи фарҳанг, сотсиология, равоншиносии иҷтимоӣ истифода намуд; маводи таҳқиқотро инчунин метавон дар мубориза бар зидди афкори тундравонаи зуҳуроти манфии муосир истифода кард.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро нуктаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба таври мушаххас баррасӣ ва таҳлил карда шудааст;

- сарчашма ва заминаҳои шаклгирии фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ошкор ва таҳлил карда шудааст;

- ба таври мушаххас таъсири афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти он дар раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст;

- афкори таълимию тарбиявии мутафаккирони тоҷик аз нуқтаи назари фалсафаи маориф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд;

- ба таври мушаххас низоми таълиму тарбия дар доираи тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги исломӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

**Сохтори диссертатисия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 148 саҳифаро дарбар мегирад.

Боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII**" номгузорӣ шуда, муаллиф дар он масъалаҳои илмӣ-методологии омӯзиши ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва сарчашмаҳои асосии шаклгирии ғояҳои фалсафаи маориф дар асрҳои IX-XIII мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор додааст.

Диссертант дар зербоби якуми боби аввал, **"Масъалаҳои илмӣ-методологии омӯзиши ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII"** – ро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки омӯзиш ва баррасии ғояҳои фалсафаи маориф дар асрҳои IX-XIII дар доираи методологияи муайян ба роҳ монда шудааст. Яке аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи ғояҳои фалсафаи маориф истифода мешавад, усули таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин усул пайдоиш ва инкишофи маориф, давраҳои инкишофи таърихии таълиму тарбия, инкишофи назарияҳои мухталифи мактабҳои фалсафӣ дар самти ташаккули шахсият омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи алоқаҳои сохтории байни унсурҳои системаи таҳқиқшаванда мусоидат мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф усули муқоисавиро барои муайян намудани самаранокии раванди таълиму тарбия дар кишварҳои гуногун, ба кор бурдааст.

Зербоби дуюми ин фасл мавзӯи **"Ғояҳои фалсафаи маорифи ориёӣ ҳамчун сарчашмаи илм ва фарҳанги тоҷик дар асрҳои IX-XIII"** - ро дар бар

мегирад. Муаллиф дар ин зербоб нақши тамаддуни ориёӣ ва низомҳои таълимию тарбиявии ориёиҳоро дар эҳёи илму фарҳанги тоҷик дар асрҳои IX-XIII муҳим арзёбӣ менамояд. Чуноне, ки муаллиф менависад: "Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар рушд ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи асрҳои IX-XIII таъсири тамаддуни қадимаи тоҷик бузург аст. Ориёиҳо яке аз аввалин бунёдгузорони фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба масъалаҳои мухталифи таълим ва тарбия диққати ҷиддӣ додаанд. Дар рушди афкори таълимиву тарбиявӣ дар асрҳои IX-XIII таъсири «Авесто» бузург буд. Бояд қайд намуд, ки ғояҳои ватандӯстӣ ва инсондустии авестоӣ дар осори фалсафӣ ва адабии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII васеъ истифода гардидаанд". (с. 56)

Дар зербоби сеюми ин фасл мавзӯи **"Ислом ва рушди илму фарҳанг дар густариши ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII"** мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки тамаддуни исломӣ фарогири масъалаҳои динӣ, илмӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буда, асосан ба сарчашмаҳои аслии дини ислом – Қуръон ва суннат такя мекунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки тамоми меъёрҳои тамаддуни исломӣ бар асоси ин сарчашмаҳо бунёдгузорӣ шудааст, балки он дар натиҷаи густариши марзӣ ва васеъ гардидани минтақаҳои тахти нуфузи Хилофати исломӣ ва сарчашмаҳои бунёдии тамаддунҳои дигар мукаммал гардидааст. Фарҳанги кишварҳои дигар, чун Эрон, Ҳинд, Чин, Шом, шимоли Африқо, Миср ва Андалус, барои бунёди тамаддуни исломӣ нақши бузург гузоштаанд. (с.58) Унвонҷӯ таъсири тамаддуни исломиро ба фалсафаи Аҷам аз ду тариқ баён кардааст: якум, аз тариқи таъсири афкор ва ақоиди таълимоти ислом ба фалсафа ва мактабҳои фалсафии Аҷам. Дувум, таъсири фалсафаи юнонӣ, суриёнӣ, бобулӣ, мисрӣ, ҳиндӣ, чинӣ ва ғайра, ки аз тариқи тарҷумаи арабии он ба фалсафаи аҷам сурат гирифт. (с. 62) Ин тарзи тақсимбандии таъсири тамаддуни исломӣ ба фалсафаи Аҷам аз тарафи муаллиф, хеле дақиқ ва ба воқеияти илмӣ созгор аст.

Боби дуюми рисола “**Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII**” номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали боби якум – “**Масъалаи таълиму тарбия дар афкори фалсафӣ-иҷтимоии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII**” қайд карда мешавад, ки андешаҳои таълимию тарбиявӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстӣ дар асарҳои устодони барҷаста, мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Форобӣ, Насируддини Тусӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷалолиддини Румӣ, Носири Хусрав, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Соиб, Ҷомӣ, Бедил, Иқбол ва даҳҳо нобиғаҳои бузурги форсу тоҷик саршоранд. Осори ин бузургон беҳтарин намунаи баёни маърифат ва тафаккури амиқи ақлу хирад мебошанд. Дар ин қисмати рисола муаллиф бо такя ба осори арзишманди ин бузургониилму маърифат, чунин менависад, ки дар осори Рудакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ ва дигар маорифпарварони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ақидаҳои ҷолиби диққати таълимиву тарбиявӣ пешниҳод карда шудаанд, ки дар шароити имрӯза низ аҳамияти худро аз даст надодаанд. Чунин мешуморем, ки дар амалияи имрӯза истифода намудани ғояҳои фалсафаи маорифи мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII барои самаранок гардидани раванди таълиму тарбия мусоидат менамояд. (с.97)

Зербоби дуюми боби дуюми рисола “**Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва Насируддини Тӯсӣ**” ном дорад. Муаллиф дар ин зербоб афкори таълимию тарбиявии ин мутафаккиронро мавриди омӯзиш қарор дода, аҳаммияти дар амалияи имрӯза татбиқ намудани он ғояҳоро таъкид намудааст. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки яке аз намояндагони маъруфи фалсафаи маорифи асрҳои IX-XIII Абунасри Форобӣ ба ҳисоб меравад. Форобиро ба хотири вусъати фарогири тафаккур ва шабоҳаташ дар сатҳи Арасту қарор дода, уро бо лақаби муаллими сонӣ мешиносанд. Ба андешаи ӯ тарбия бояд ҳадафҳои худро дошта бошад. Форобӣ таълиму тарбияро ба ду қисм тақсим мекунад: таълиму тарбияи фардӣ; таълиму тарбияи иҷтимоӣ. Дар навбати худ таълиму тарбияи фардиро аз ҷисмонӣ, завқӣ, ахлоқӣ ва ақлонӣ иборат

медонад. Шахсияти дигаре, ки дар ташаккули ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII саҳми беандоза дорад, ин Абуалӣ ибни Сино мебошад. Диссертант андешаҳои таълимию тарбиявии Абуалӣ ибни Синоро таҳлили амиқ намуда, натиҷагирӣ кардааст, ки ӯ низ мисли Форобӣ аз афкори тарбиявии мутафаккирони Юнону машриқзамин, махсусан аз афкори Арасту ва Форобӣ пайравӣ намуда, дар навбати худ дар ин самт нақши бориз гузоштааст. Муаллиф бо такя ба рисолаи «Тадбири манзил»-и Ибни Сино ва дигар осори таълимию тарбиявии ӯ ғояҳои фалсафаи маорифи Ибни Синоро амиқан таҳлил намуда, қайд мекунад, ки раванди таълиму тарбия аз назари Абуалӣ ибни Сино дорои марҳилаҳои муайян мебошад, ки ҳар давра бояд ба хусусиятҳои синусолии кӯдак мутобиқ гардонида шавад. (с.106)

Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки ҳадафҳои таълимию тарбиявии дар даврони мавриди назари мо асосан баҳри тарбияи шахси созанда ва зарурӣ барои ҷомеа равона шуда, маҳз пайгирӣ кардани ин ҳадафҳо дар раванди таълиму тарбия боиси ба вуҷуд омадани шахсиятҳои тавоно дар соҳаҳои мухталифи ин асрҳо гардид. Мутафаккирону маорифпарварони тоҷик дар асрҳои IX-XIII таълиму тарбияро яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсият ва саодати инсон медонистанд. Ин нуктаро метавонем, дар осори намояндаи дигари илму фарҳанги ин замон файласуф ва мутафаккири бузурги халқи тоҷик, Носири Хусрав мушоҳида кард. Файласуф дар ғояҳои фалсафаи маорифи хеш исбот карданӣ мешавад, ки дар раванди инкишоф ва ташаккули шахсият омӯзиши илму дониш ва аз худ намудани арзишҳои волои фарҳангиву маърифатии тамаддунӣ, ки асосан тавассути таълиму тарбият сурат мегирад, барои инсоният яке аз роҳу усулҳои беҳтарин ба шумор меравад. (с.111)

Зербоби сеюми боби дуюми рисола “**Хусусиятҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва аҳамияти амалии он дар замони муосир” ном дорад.** Муаллиф дар ин зербоб хусусиятҳои фалсафаи маорифи тоҷикро дар асрҳои IX-XIII натиҷагирӣ намуда, муҳимтарин хусусиятҳои онро ба

тариқи зайл баён кардааст: эҳёи усулҳои таълимию тарбиявии маорифи ниёгон; инъикоси ҷанбаъҳои инсондӯстӣ ва гуманистӣ; фарогирии васеи масъалаҳои таълиму тарбия; ҷудо шудани донишҳо ба системаҳои муайян ва вогузор шудани омӯзгорони тахассусӣ; ташаккули шахсият ва «инсони комил»; ба роҳ мондани низоми маориф бо дарназардошти вазъияти воқеии иҷтимоӣ ва талаботи замон; мусоидат намудани низомҳои сиёсии ҳукмрони он замон ба маориф ва пуштибонии онҳо аз маориф; аз байн рафтани таълими табақотӣ ва ба раванди таълиму тарбия ҷалб шудани тамоми афроди ҷомеа ва ғ. (с. 126)

Тамоми боб ва зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари танқидӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори зиёиёни он давру замон гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва масолеҳи миллӣ омода намудааст.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг аст.

**Дар маҷмӯъ ба рисолаи илмии Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматулло баҳои мусбӣ** дода, ҳамин нуктаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогӣ ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1. Дар зербоби дуюми боби 1 роҷеъ ба омилҳо ва заминаҳои тоисломии ташаккул ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII сухан меравад. Аммо бештар ба китоби Авесто такия шудааст. Дар айни замон, андешаву омилҳои таъсирвар ба ташаккули ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик хеле зиёдтар буда, сазовори онанд, ки бештар равшан карда шаванд.

2. Дар фалсафа тоҷик чандин навъи таснифи илмҳо мавҷуд буд, ки ба дарки фалсафаи маориф низ таъсиргузор буданд, аммо дар рисола ба ин масъала аҳамият дода нашудааст.

3. Дар рисола баъзан на танҳо хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, инчунин андешаҳое низ мавҷуданд, ки тавзеҳоти иловагиро тақозо намуда, баъзан тасҳеҳ ва баъзан баҳсталаб мебошанд.

Камбудиҳои номбурда арзиши илмии рисоларо кам намекунад ва рисолаи Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Рисола ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мебошад.

Ходими пешбари илмии Маркази синошиносии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовуддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа, дотсент Маҳмадҷонова М.Т.

Реквизитҳо:

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони А.Рӯдакӣ, 33.

Тел. моб.: +(992) 918877009
Email: muhiba@bk.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа,

дотсент Маҳмадҷоноваро тасдиқ менамоям:

Сардори Шуъбаи кадрҳои
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовуддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кучарова Б.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Хиёбони Абуабдулло Рӯдакӣ, 33.
ИФСҲ АИ ҶТ
Телефон: (372) 21 77 96
«14» 04 2020 с.